“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________________ Раҳмон Д.С.
“____” ________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвончӯ Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогикаи ватанӣ – шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ бахшида шудааст. Шаҳрвандӣ категорияи ахлоқие маҳсуб меёбад, ки аз сифатҳои фардию шаҳрвандии шахс чудонопазир аст. Дар дарачаи шахсият хусусиятҳои муҳимми устувори инсон зоҳир мегарданд, ки дар чаҳонбинӣ, идеалҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои рафтор ифода меёбанд. Дарачаи баланди шаҳрвандиро шуури чамъиятӣ ташкил менамояд, ки дар авзою ҳиссиёт, баҳодиҳӣ ва дар муносибат ба халқи худ, тарзи зиндагӣ, таърих, фарҳанги ӯ, ба давлат ва системаи арзишҳои асосӣ зоҳир мегардад.

Чунонки аз муҳтавои рисола ва таҳлили муаллиф бармеояд, таърихи гузашта ва зиндагиномаи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои шучоат ва қаҳрамонӣ буда, дар ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ унсурҳои пурарзиш, аз чумла, меҳру муҳаббати

бепоён ба ватан, ватандорӣ ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ водор месозад, ки онҳо нисбат ба зодгоҳ ва меҳани хеш, арзишҳои миллӣ нигоҳи пурмеҳр пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардор ва ворисони гузаштагони номдори кишвар бошанд.

Навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажуҳиш ошкор сохтани самтҳои асосӣ ва вижагиҳои педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагонро тавассути худомӯзӣ зарур мешуморад.

Унвонҷӯ ба дарёфти консепсия ва равиши таҳқиқоти педагогӣ аз манзари амиқ ва равшан сохтани роҳҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия дар раванди таълим омӯзгорон ба дастовард ва бузургдошти арзишҳои миллӣ такя карда, хонандагонро ба фазои вусъатпазири тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ бо малакаҳои арзёбии эмотсионалӣ дар робита ба муносибати мусбӣ, рафтор ва фаъолияти шогирдон муваффақ мегарданд.

Муаллиф қайд мекунад, ки навсозӣ ва ганӣ гардонидани мазмуну мундариҷаи тарбия бо истифода ҷузъҳои фарҳангӣ, таърихӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, идеологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ, физикӣ, техникӣ ва ғайра дастовардҳои муҳимтарини илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина дар байни ҷавонон бедор кардани қобилияти мустақилона таҳлилу арзёбӣ кардани зуҳуроту рӯйдодҳои муҳим дар ҷомеа, ҷаҳон, дарк кардани сабабҳои дақиқи пайдоиши саволҳо ва ихтилофҳо дар зиндагӣ, дарки нуқтаи назари хеш ва аҳамияти иштироки шахсӣ дар ҳалли онҳо бисёр ҳам муҳим аст.

Унвонҷӯ дар таҳлилу тадқиқи ҷойгоҳ, шаклу воситаҳои таълим, хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ; муайян кардани роҳ, усул, низом ва тартиби парвариши тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути

худомӯзӣ; коркард ва пешниҳоди низоми хоси педагогӣ оид ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ андешаҳои қолибро баён карда, дар самти мавзуи интихобшуда ба ҳадафҳои нишонрас муваффақ шудааст.

Дар рисолаи унвонҷӯй Нарзуллоев Ҳ.С. ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазоифи зерин таҳқиқи худро ёфтааст: омӯзиши адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷи кишвар, диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз онҳо; интихоби метод ва усулҳое, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ мусоидат мекунанд; дар заминаи таъсис додани озмоиши педагогӣ, аз ҷумла, озмоиши муқарраркунӣ, пурсишномаи хонандагон ва омӯзгорон, муайян намудани вазъи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, сатҳу сифати маҳорату малакаи хонандагон дар самти мазкур ва тарзи муносибати омӯзгорон оид ба мавзуи таҳқиқот бо мақсади дақиқ намудани нуқсону камбудиҳои мавҷуда дар доираи масъалаи баррасишаванда дар ҷодаи таълими мавзуи таҳқиқот.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷиҳати методологӣ, асоснок будани таҳқиқи ҳаматарафа ва васеи таҷрибавӣ, ки ба ҳаҷму мақсад ва вазифаи мантиқии кор мувофиқ мебошад, маҷмӯи методҳои мувофиқ бо мавзуи таҳқиқот, омӯзиши ҳаматарафаи масъала, интихоби репрезентативии миқдори хонандагон барои озмоиш, дар амалия ҷорӣ намудани тавсияҳои муаллиф ва арзёбии мусбии онҳо аз ҷониби омӯзгорон ва волидон; нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати миқдор ва аҳамиаятнокӣ муҳимми таҷриба, тавъамии миқдорӣ ва сифатии таҳлили онҳо таъмин мекунанд ва таҷрибаи амалӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи худро ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

1. Мазмуни мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» дақиқ карда шуд, ки мо онро ҳамчун маҷмӯи донишҳо,

қобилиятҳо, таҷриба, ангезаҳо ва арзишҳое мефаҳмем, ки барои ҳар як шаҳрвади Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд;

2. Модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки мақсади меъёрҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон, шаклҳо, методҳо ва воситаҳо, марҳилаҳои ташаккул ва сатҳи тарбияи шаҳрвандии хонандгон тавассути худомӯзиро фаро мегирад, таҳия карда шуд;

3. Қисмҳои таркибии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва муҳтавои онҳо муайян карда шуд.

4. Имкониятҳои педагогии роҳҳои худомӯзӣ, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон мусоидат мекунанд, муайян карда шуд;

5. Хусусиятҳои фарккунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шуд;

6. Бо далелҳои мушаххас шароитҳои педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асоснок карда шуд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия ва дар амал санҷида шуд; тавсияҳои методӣ доир ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҳия шуданд.

Масъалаи истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ҷиҳати ғанигардонии методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии методҳои таълими хусусияти ҳувияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор,

вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқот** аз гузарондани таҳлили системавии проблемаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ошкор намудани шароитҳои педгогӣ ва таҳияи модели сохторӣ-вазифавии тарбияи хонандагон тавассути худомӯзӣ, коркарди таъминоти илмӣ - методии раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, гузарондани корҳои таҷрибавӣ доир ба модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва таҳияи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт (179 номгӯй) иборат буда, 178 саҳифаи компютериро дар бар мегирад. Дар диссертатсия 1 ҷадвал ва 6 расм-гистограмма ҷой дода шудааст.

Дар боби якум - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» - ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки тарбияи шаҳрвандӣ дар худ ҳамаи зинаҳои корҳои тарбиявӣ, оғоз аз оила, муассисоти таълимӣ, меҳнатӣ, коллективҳои низомӣ ва ғайра то мақомоти олии давлатиро фаро мегирад. Он ташкили чорабинҳо доир ба тарбияи шаҳрвандиро ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи коллективҳои ҷудогона ва ҳам гузарондани корҳои тарбиявии инфиродӣ бо хонандагони ҷудогонаро талаб менамояд.

Дар боби дуюм – «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» - модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон дар боби мазкур масъалаҳои модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундарича ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ баррасӣ гардидааст. Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад.

Муаллиф диққати асосиро ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони кишвар ва хориҷи он оид ба масъалаи мазкур равона карда, қайд кардааст, ки ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон ҳамчун унсури тарбияи иҷтимоӣ дар раванди таълиму тарбия ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон хусусиятҳои хоси худро дорад.

Дар диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дурустии мақсад ва вазифаҳо, фарзияи таҳққиқот тавассути баргузории озмоиши таълимӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ тасдиқи худро собит кард. Рисола собит кард, ки тавассути худомӯзӣ ва дар

сурати мақсаднок ба роҳ монда шудани таълиму тарбия дар зеҳну шуури хонандагон фаъолмандии шаҳрвандӣ, худшиносиву ватандӯстӣ ва ҳуввияти баланди миллӣ бедор хоҳад гашт.

Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъррасондаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили вазъи худомӯзии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври бояду шояд мушоҳида нагардид. Унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар ин самти ҳаётан зарури тарбияи насли наврас дар асоси мавзуи пешниҳодшуда баён намояд.

2. Дар рисола муаллиф ба андешаҳои олимон оид ба аҳамияти худомӯзӣ дар тарбияи шаҳрвандии хонандагон васеъ таваҷҷуҳ намудааст, вале бобати баёни андешаҳои хеш гоҳо ба маҳдудият дучор шуда, хулосаҳояшро нопурра арзёбӣ кардааст.

3. Дар диссертатсия муаллиф бештар ба таҳқиқоти олимони хориҷи кишвар таваҷҷуҳ намудааст, хуб мешуд ба таҳқиқоти олимони ватанӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

4. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он гоҳо хатоҳои услубӣ техникӣ дучор мешаванд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевичро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй таҳқиқоти масъалаи гузошташударо дар робита бо истифодаи технологияи муосири таълимӣ мувафаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

**ХУЛОСА**

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба талаботи бандҳои 76, 79–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф бори аввал дар заминаи таҳлилу хулосабарорӣ аз натиҷаҳои озмуни муқарраркунӣ коркарди равиши масъалаҳоро оид ба ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ пешниҳод кардааст.

Такриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-методии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (протоколи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30 августи соли 2024, №1)

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, саромузгори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

30.08.2024

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 16;
Тел:(83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.